ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЛОИҲАИ «ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ»

ГРАНТҲОИ ХУРД
ДАСТУРИ АМАЛӢ

Душанбе
31 октябри соли 2016

1. САРСУХАН

9 июни соли 2015 аз ҷониби Шурои Бонки умумиҷаҳонӣ (БУ) грант ба маблағи 6,75 миллион доллари ИМА, ва кредит ба ҳаҷми 8,25 миллион доллари ИМА (ба маблағи умумии 15,0 миллион доллари ИМА) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) бо мақсади татбиқи Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ЛТО), минбаъд «ЛТО» тасдиқ кард.
Муҳлати татбиқи «ЛТО» шаш сол аз 1 марти соли 2016 то 31 октябри соли 2021-ро ташкил медиҳад.
Мақомоти давлатии ҶТ, ки ҳамчун татбиққунандаи Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» баромад менамояд, Вазорати маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИҶТ) мебошад.

2. МАҚСАДИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА

Мақсади таҳияи механизмҳои беҳтар намудан ва мониторинги сифат ва мутобиқати таҳсилоти олӣ ба бозори меҳнат мебошад.

3. ШАРҲИ ЛОИҲА

Барои ба даст овардани мақсади Лоиҳа дар сатҳи институтсионалӣ ва дахолат дар сатҳи умумӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар поён шарҳ дода шудаанд.
ҚИСМАТИ 1. Беҳбудиҳо дар сатҳи институтсионалӣ. Мақсади қисмат, дастгирии беҳтаркуниҳо дар сатҳи итнститутсионалӣ тавассути ду зерқисмат:
Зерқисмати 1.1: Грантҳои хурд барои азнавтайёркунӣ/баландбардории тахассуси қувваи корӣ. Дар доираи зерқисмати мазкур грантҳо барои муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ ҷиҳати татбиқи барномаҳо/курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.
Зерқисмати 1.2: Барномаи грантҳои озмунӣ (БГО) *барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)*. Дар давраи зерқисмати мазкур чорабиниҳо оид ба мукаммалгардонии фаъолияти МТОК маблағгузорӣ карда мешаванд, яъне дар доираи Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» ба МТОК грантҳо, бо мақсади зерин пешниҳод карда мешаванд:

(1) Баландбардории мутобиқати барномаҳои академии МТОК ба талаботи бозори маҳаллӣ ва минтақавӣ тавассути таҷдиди назар намудани нақшаҳои таълимӣ, курсҳои академӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, дастгирии афзоиши касбӣ, таъмири лабораторияҳо, ҷиҳозонидан ба таҷҳизот ва таъмин бо маводи таълимӣ. Барои ба даст овардани ин ҳадафҳо мутахассисони соҳаи (эксперты) педагогика ва кортаъминкунандагон ҷалб карда мешаванд.

(2) Пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ барои дастгирии академӣ, дастгирии хонандагон, алалхусус духтарон, бо мақсади мусоидат барои дохилшавии онҳо ба донишгоҳҳои олӣ ва минбаъд бо кор таъмин гардидани онҳо. Хизматрасонии пешниҳодшуда метавонанд, ки дар қатори дигар барномаҳои таълимӣ шароитҳои зиндагӣ, барномаҳои тарбиявӣ, силсилаи лексияҳо барои занҳои дар бозори меҳнат бандбуда, семинарҳоро оид ба ҷустуҷӯи ҷойҳои корӣ дарбар гиранд.

ҚИСМАТИ 2. Дахолат дар сатҳи система. Дар доираи қисмати мазкур мукаммалгардонӣ дар сатҳи умумӣ таввасути се зерқисмати зерин амалӣ гардонида мешаванд:

Зерқисмати 2.1: Беҳтар намудани сифат. Дар доираи зерқисмати мазкур хизматрасониҳои машвараті, кӯмакҳои техникӣ ва ҳамчунин хизматрасониҳои ғайри машвараті, омузондан ва хароҷотҳои амалиётӣ, ки барои амалигардонии чорабиниҳои зерин равона шудаанд маблағгузорӣ карда мешаванд:

(1) Таҳияи воситаҳо оид ба пайгирии таъмини шуғли хамткунандагони МТОК, ҷорӣ намудан ва татбиқи муваффақонаи ин воситаҳо дар МТОК, ки таъмини шуғли хатмкунандагонро пайгирӣ мекунанд, иштирок менамоянд;
(2) Афзоиши иқтидори хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи назорати маориф (ХДНМ), кормандони мувофиқи ВМИҶТ, ҳайати профессорону омӯзгорони факултетҳои МТОК, муқаризҳои берунӣ, бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти онҳо ба стандартҳои Аврупоӣ ва дастурҳо (САД) оид ба назорати сифат;
(3) Таҳия ва татбиқи озмоишии (дар се МТОК) раванди нави институтсионалии аккредитатсия, стандартҳо ва дастурҳо. Дар асоси натиҷаҳои татбиқи озмоишӣ, ба ҲҶТ барои тасдиқ тағйироту иловаҳо ва ё лоиҳаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ/меъёрӣ аз рӯи стандартҳо ва дастр оид ба аккредитатсияи институтсионалӣ ва назорати дохилии сифат пешниҳод карда мешаванд.

Зерқисмати 2.2: Навсозии барномаҳои таълимӣ дар системаи маориф.
Дар доираи зерқисмати мазкур хизматрасониҳои машвараті ва хароҷоти амалиётӣ барои амалигардонии чорабиниҳои зерин маблағгузорӣ карда мешаванд:

(1) Гузаронидани тадқикот оид ба баҳодиҳии малака барои ёфтани ҷойи кор ва баҳодиҳии самаранокии меҳнати корфармоён, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ (STEP) таҳия шудааст. Ин тадқиқоти амиқи корфармоён имконият медиҳад, ки тасаввури возеҳ оид ба муҳимияти ихтисосҳо, малакаҳо ва вазифаҳо барои иқтисодиёти Тоҷикистон дар ояндаи наздик ва дур пайдо шавад;
(2) Аз нав дида бароии барномаи муайяни давлатӣ (ки дар натиҷаҳои тадқикоти STEP) аз рӯи 5-7 кластери академӣ (масалан, омода намудани муаллимон, молия /кори бонкӣ/баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғ.) бо кӯмаки мутахассисони маҳаллӣ ва байналхалқӣ, ҳамчунин кордиҳандагони хусусӣ аз соҳаҳои мувофиқ. Пешбинӣ шудааст, ки 5-7 кластери академӣ, дар умум 40 ихтисоси академиро дарбар мегиранд. Натиҷаи ин раванд як қатор стандартҳои баррасишуда барои ихтисосҳои алоҳида омода мешаванд, ки баъдан МТОК метавонанд, воситаҳои грантиро (БГО) барои маблағгузории таҳияи нақшаҳои таълимии хеш, ки стандартҳои навро инъикос менамоянд, истифода баранд.
Зерқисмати 2.3: Арзёбии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Зерқисмати мазкур хизматрасонии машваратиро барои баҳодиҳии усули маблағгузории таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Дар доираи баҳодиҳии мазкур таҳлили моделҳои мавҷудаи маблағгузории маълумоти олӣ дар Тоҷикистон гузаронида мешавад, таҷрибаи давлатҳои дигар истифода мешаванд, аз рӯи баҳодиҳӣ барои баррасӣ ба ҲҶТ усулҳои алтернативии маблағгузорӣ пешниҳод карда мешаванд.
Дар натичаи ин чорабинӣ барои Вазорати молия, ВМИҶТ, ВРИСҶТ ва ҷомеаи васеъи тарафҳои манфиатдор дар соҳаи маълумоти олӣ дастурҳо оид ба усули тақсими воситаҳо барои истифодаи самаранок ва мақсаднок таҳия карда мешаванд, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои асосӣ имконият медиҳанд.
ҚИСМАТИ 3. Идоракунии Лоиҳа, мониторинг ва баҳодиҳии Лоиҳа. Ин қисмат хизматрасониҳои машваратӣ, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ, молҳо, омӯзишҳо (тренинги) ва хароҷоти амалиётиро, ки аз ҷониби ВМИҶТ барои ичрои уҳдадориҳояш оид ба идоракунии ВМИҶТ амалӣ гардонида мешаванд, дарбар мегирад. Чорабиниҳое, ки дар доираи маблағгузории қисмати мазкур амалӣ мегарданд, ин ташкили чорабиниҳои ҳаррӯза оид ба идоракунии лоиҳа, алоқа, омӯзиш, мониторинг ва баҳодиҳӣ мебошад.

4. ҲАДАФИ ГРАНТҲОИ ХУРД

Ҳадафи грантҳои хурд таъмин намудани омӯзиши корӣ ба дилхоҳ шахс дар бозори меҳнат, ки ба баландбардории малака, маҳорати касбии худ ва ё касбомӯзӣ ниёз дорад, ҳамчунин ба бекорон, муҳоҷирони баргашта (мардон ва занон) ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба бозори меҳнат бо таҷрибаи кории маҳдуд ворид шудаанд, мебошад.
Барои ба даст овардани ин ҳадаф, ба муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ маблағугзории грантӣ ҷиҳати гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат, ки ба талаботи соҳаи истеҳсоли аниқ ҷавобгӯ аст, пешниҳод мешавад.

5. ҲАДАФИ ДАСТУРИ МАЗКУР

Дар дастури мазкур оид ба грантҳои хурд (дар оянда «Дастур») талабот оид ба мутобиқат, равия ва давраи грантҳои хурд оварда шудаанд, ки онро муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ, кормандони ВМИҶТ, аъзоёни Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ ва Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор дар фаъолияти хеш истифода мебаранд.
Яъне, тарафҳои манфиатдори дар боло номбаршуда дастури мазкурро ҳангоми омодасозӣ ва пешниҳоди пешниҳодҳои грантӣ, ташхис ва баҳодиҳии пешниҳодҳо, ба имзорасонии созишномаҳои грантӣ, ҳангоми гузаронидани омӯзиши таълимии ҳатмии дурӯза барои муассисаҳои омузишӣ-иштирокчиёни барнома, азхудкунии маблағҳо ва ҷамъоварии маълумот оид ба татбиқи ҷузъҳои воқеӣ ва ҳисоботи молиявӣ, мониторинг ва басташаваии грант мавриди истифода қарор медиҳанд.

6. МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ КОМИЛҲУҚУҚ

Ҳамагуна муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коллеҷ ва марказҳои таълимӣ дар ҳолати ба меъёрҳои асосии зерин ҷавобгӯ будан, ҳуқуқи пешниҳоди дархост барои маблағгузорӣ дар доираи грантҳои хурдро дорад:

- ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда бошад;
- Иҷозатномаи амалкунанда барои ташкил ва гузаронидани курсҳои таълимии кӯтоҳмуддат дошта бошад.

Пешбинӣ карда мешавад, ки ҳангоми татбиқи ЛТО грантҳои хурд дар 2-3 давра пешниҳод карда мешаванд. Дар давраи якум грантҳои хурд танҳо барои маблағгузории пешниҳодҳо оид ба гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи 5-6 соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт амалӣ гардонида мешаванд. Руйхати

ин соҳаҳои афзалиятнок аз ҷониби ВМИҶТ барои мувофиқа ба Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ ва дигар тарафҳои асосии манфиатдор пешниҳод мешавад.
Барои таҳияи курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ муассисаи таълимии комилҳуқуқ метавонад бо корфармо(ён) ва дигар муассисаҳо ҳамкорӣ намояд.
Дар ҳолати ба талаботи меъёрҳо ҷавобгӯ набудани муассисаи таълимӣ, муассиса имконият дорад, ки дархости хешро барои маблағгузории грантӣ дар давраҳои оянда пешниҳод намояд, ба шарте, ки аз ҷониби ӯ чораҳои зарурӣ барои ҷавобгӯ будан ба талаботи меъёрҳо андешида шаванд (масалан, гирифтани Иҷозатнома барои ташкил ва гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ).

7. РАВИЯИ ГРАНТҲОИ ХУРД

Барномаи грантӣ, ки дар доираи он муассисаҳои таълимӣ мутобиқ бо омӯзонидан ва баланд бардоштани донишу малакаи аҳолӣ машғул мешаванд, бояд ба принсипҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) Дастрасии баробар ба маълумот оид ба ҳаҷм, чорабиниҳо ва талаботи барномаи грантҳои хурд барои ҳамаи муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ:

б) Фарогирии ҷуғрофии ҳамаи муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ, ки ба ду меъёри асосии мутобиқ ҷавобгӯ мебошанд;

в) Меъёри суроғавии васеъ, ки ба ҳамагуна шахс дар бозори меҳнат, ҳамчунин бекорон, муҳоҷирони меҳнатии баргашта (мардон ва занон) ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз бозори меҳнат бо таҷрибаи кории маҳдуд мебароянд ва барои баландбардории донишу малакаи хеш ва касбозомӯзӣ ниёз доранд, равона шудааст,

г) Масъулияти молиявӣ доштан дар идораи грантҳо, аз ҷумла мавҷудияти механизми самараноки назоратӣ аз болои маблағгузории молиявӣ;

д) Шаффофият ва беғаразӣ ҳангоми баҳодиҳии пешниҳодҳо бо мақсади пешниҳоди грантҳо тавассути раванде, ки дар асоси методологияи мувофиқашуда истифода мешавад ва барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор дастрас мебошад.

8. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ ГРАНТҲОИ ХУРД

Маблаги умумие, ки дар ЛТО барои маблаггузории грантҳои хурд пешбинӣ шудааст, ки дар давраҳои 2-4 грантӣ пешкаш мешавад, 1,0 миллион доллари ИМА мебошад. Барои давраи якум, 300 000,00 доллари ИМА ҷудо мешавад. Новобаста аз он ки маблаги максималии грант барои ҳар як пешниҳод дар сатҳи 30 000,00 доллари ИМА пешбинӣ шудааст, ки барои аксарият грантҳои алоҳида аз 10 000,00 то 20 000,00 доллари ИМА пешниҳод мешавад.

Барномаи грантҳо ҳамчунин маблаггузориро аз ҷониби шунавандагон низ дар андозаи 5-10% аз арзиши умумии гранти мазкур, гузаронидани курси таълимӣ пешбинӣ намояд.

Барои идоракунии грант ва хароҷоти амалиётӣ, ки бо идоракунии грант вобаста мебошанд, 10% -и маблаґро аз маблаґи умумии грант бояд пешбинӣ намуд. Маблаги ниҳоии хароҷот барои харидани таҷҳизот бояд аз 30% -и маблаґи умумии грант зиёд набошад..

9. ДАВРАҲОИ ГРАНТӢ

Грантҳои хурд давраҳои асосии зеринро дарбар мегирад:

-Чорабиниҳои коммуникатсионӣ, иттиллотӣ ва чорабиниҳои ташкилӣ;
-Омодасозӣ ва пешниҳоди таклифҳои грантӣ;
-Ташхис ва баҳодиҳии таклифҳои грантӣ;
-Ба имзо расонидани созишномаҳои грантӣ;
-Машварати огоҳсозии ҳатмӣ;
-Пешниҳоди давраи аввалаи воситаҳои грантӣ;
-Ибтидои татбиқи грант (корҳои омодасозӣ, нақшаҳои дарсӣ, ҷалбкунии иштирокчиён);
-Пешниҳоди марҳилаи дуюми воситаҳои грантӣ;
-Гузаронидани курсҳои таълимӣ;
-Мониторинги чорабиниҳои грантӣ дар муассисаҳо ва баҳодиҳии онҳо, ки баъд аз он пешниҳоди давраи сеюми воситаҳои грантӣ, яъне ва охирон амалӣ мегардад;
-Пушидашавии грант.

9.1.Чорабиниҳои коммуникатсионӣ, иттиллотӣ ва чорабиниҳои ташкилӣ, аз ҷониби ВМИҶТ гузаронида мешаванд ва ҳадафи онҳо хабардор кардани ҳамаи муассисаҳои олӣ ва хусусӣ, коллеҷҳо ва марказҳои таълимии комилҳуқуқ. Маълумоти умумӣ пешниҳод карда мешаванд, оид ба:

(а) ҳадафҳои грантҳои хурд;
(б) меъёрҳои мутобиқ барои пешниҳоди дархост ба грантҳои хурд;
(в) меъёрҳои баҳодиҳӣ;
(г) муҳлати татбиқи барномаҳои грантҳои хурд;
(д) чораҳое, ки бояд муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ манфиатдор барои пешниҳоди дархост бояд андешанд;
(е) тартиби тасдиқ ва ба расмиятдарорӣ тавассути бастани Созишномаи грантӣ;
(ж) дастгирӣ, татбиқ ва мониторинг;
(з) тартиби азхудкунии воситаҳо ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои тасдиккунанда вобаста ба хароҷот;
(и) санади хотимавӣ.

Паҳн намудани маълумот ва чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ба тариқи зайл гузаронида мешавад:

-Паҳн намудани тарғибот дар воситаҳои ахбори омма бо истифодаи шабакаҳои гуногун ба мисли телевизион, радио, рӯзнома ва дигар маводи чопӣ, масалан, дастурҳо;

-Чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ (ташкили вохӯриҳо оид ба барномаи мазкур ва даъват намудани муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коллеҷҳо ва марказҳои таълимӣ ба ин вохӯриҳо).

Чорабиниҳои коммуникатсионии огоҳинамоӣ дар байни аҳолӣ оид ба ҳуқуқи меҳнаткашон, бо мақсади пешгирӣ аз меҳнати маҷбурии кудакон бояд доимӣ, махсусан, дар давраи ҷамъ намудани ҳосил, гузаронида шавад.

ВМИҶТ чорабиниҳои васеи коммуникатсионӣ, иттилоотӣ ва вохӯриҳоро вобаста ба оғози барномаи грантҳои хурд ташкил менамояд, ки дар онҳо нусхаи дастури грантҳои хурд пешниҳод карда мешаванд. Ин дастурҳоро аз раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (ВМИҶТ) дастрас кардан мумкин аст.

9.2.Омодасозӣ ва пешниҳоди таклифҳои грантӣ;
Масъулият барои ҳамаи чорабиниҳои тадорукотӣ барои ташкили барномаи грантҳо ба зиммаи ВМИ ҶТ ва ҳамзамон масъулият барои омоданамоӣ ва пешниҳоди таклифҳои грантӣ ба зиммаи муассисаҳои таълимии иштироккунанда вогузор карда мешавад.
Пас аз гузаронидани чорабиниҳои васеи коммуникатсионӣ ва иттиллоотӣ ВМИҶТ даъват барои пешниҳоди дархостҳоро нашр менамояд, барои муассисаҳои таълимии манфиатдор курсҳои таълимиро оид ба таҳияи таклифҳои грантӣ ташкил менамояд.
Маълумот дар бораи курсҳои таълимии музкур (суроғ ва сана) дар дастури мазкур ҷой дорад (намунае, ки пас аз ҷониби ВМИҶТ тасдиқ кардани реҷаи тренингҳо пур карда мешавад, дар замимаи 1 оварда шудааст), ва ҳамчунин тариқи МТОК, коллеҷҳо, марказҳои таълимӣ, ва веб-сайти ВМИҶТ паҳн карда мешавад.
Ҳадафи курсҳои таълимӣ – кӯмак ба муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ ва марказҳои таълимӣ барои омоданамоии таклифҳои грантӣ ва посух додан ба саволҳои довталабон.
Банақшагирӣ ва ташкили курсҳои таълимӣ аз ҷониби ВМИҶТ амалӣ гардонида мешавад.
Барои омодасозии дархости грантӣ ба муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ 4 (чор) ҳафта пешниҳод мешавад. Дар ин давра муассисаҳои таълимӣ метавонанд, ки дархостҳоро оид ба фаҳмондадиҳии маълумоти дар дастури грантҳои хурд таҳия ва саволҳои хешро вобаста ба грантҳо равона намоянд. Саволҳоро зарур аст, ки ба шахси мутассадӣ ба ВМИҶТ равон намоянд. (маълумот оид ба шахси мутасаддӣ дар замимаи 3 оварда шудааст.)
Лоиҳаҳои дархостии грантӣ, ки бояд ба забони тоҷикӣ ва русӣ тартиб дода шаванд, аз ду қисм иборат мешаванд. Қисми аввали таклифи грантӣ ин ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ҳуқуқӣ ва маълумот оид ба шартҳои мутобиқат барои гирифтани грант мувофиқи Қисми 6 «Маълумот оид ба дархосткунанда» (яъне, номи муассиса, суроғаи ҳуқуқӣ, суроғ, рақами телефон, ном ва насаби иҷрокунандагони Лоиҳа) ва нусхаи Иҷозатнома барои гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ.
Қисми дуюми таклифи грантӣ (Замимаи 2) махфӣ буда, бояд дар лифофа пешниҳод карда шавад. Қисми дуюми таклифи грантӣ бояд аз маълумоти зерин иборат бошад:
(а) Номгӯи барномаи таълимӣ (барномаҳо);

(б) Тавсифи барномаи таълимӣ (мақсад, шунавандагон, асосноккунии курси пешниҳодшуда, ҳамчунин маълумот оид ба талабот дар бозори меҳнат ва далелҳо оид ба талаботи бозори меҳнатӣ[1]);
(в) Нақшаи таълимии барнома, соатҳои академӣ ва методи таълимӣ;
(г) Тавсифи маводи таълимӣ, таҷҳизот ва захираҳо, ки барои барномаи таълимӣ истифода мешаванд;
(д) Тавсифи инфрасохтори муассиса (масалан, аудитория, лаборатория ва ғ.);
(е) Шунавандагони пешбинишуда (мардҳо ва занҳо);
(ж) Маъулмот дар бораи тахассуси муаллимон, омӯзгорон;
(з) Маълумот дар бораи ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, агар вуҷуд дошта бошад;
(и) Маблағи дархостшуда;
(к) Маълумот оид ба воситаҳои баҳодиҳӣ, ки барои муайян намудани сатҳи омӯзиши шунавандагони курс истифода бурда мешаванд.

Муҳлати татбиқи грант, бо назардошти пушидашавии грант, баҳодиҳӣ ва пешниҳоди ҳисобот на дертар аз 12 моҳ бояд пешбинӣ шудааст.
Бо назардошти кӯтоҳмуддат будани чорабиниҳои мазкур дар доираи грантҳо, давомнокии курсҳои таълимӣ, набояд аз 6 моҳ зиёд пешбинӣ шаванд.
Лоиҳаи дархости грантӣ бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ на дертар аз муҳлати дар эълон оид ба грантҳо оварда шуда, ба шахси мутасаддии ВМИҶТ пешниҳод шавад (маълумот дар замимаи 3 оварда шудааст.).
Таклифҳои грантӣ, ки пас аз ба охир расидани муҳлати пешниҳоди таклифҳо пешниҳод карда мешаванд, ба муассисаҳои таълимӣ баргардонида мешаванд.
Пас аз гирифтани дархостҳои грантӣ ВМИҶТ ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ- дархосткунандагон огоҳинома оид ба дастрас шудани таклифҳояшон ирсол менамояд.
9.3. Ташхис ва баҳодиҳии лоиҳаҳои дархостии грантӣ пурра аз ҷониби ВМИҶТ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми саривақт гирифтани дархостҳои грантӣ, ВМИҶТ аввали таклифҳоро барои маблаггузорӣ намудан аз рӯи 2 (ду) ҷанба ба пуррагӣ меомӯзад:

(а) тасдиқи мақоми шахси ҳуқуқӣ будани муассисаи таълимии дархосткунанда;
(б) тасдиқи доштани Иҷозатнома оид ба гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ;

Бояд дар назар дошт, ки дар ин давра сифати мазмун ва кифоягии маълумот дар таклифи грантӣ оварда шуда, баҳо дода намешавад.
Ҳамагуна таклифи номутобиқ ва нопурра аз баҳодиҳии минбаъда ихтисор карда шуда, ба муассисаи таълимӣ бо нишон додани сабабҳои номутобиқ ва пешниҳоди омоданамоии такрории дархост дар даврахои оянда баргардонида мешавад.
9.4.Баҳодиҳии таклифҳои грантӣ аз ҷониби Комиссияи баҳодиҳии байниидоравӣ (КББ) амалӣ гардонида мешавад.
Пас аз ташхиси мутобиқ ва пуррагии таклифҳои грантӣ, ҳамаи таклифҳо барои баррасии оянда ба (КББ) равона карда мешаванд, ки бо фармони ВМИҶТ таъсис дода шуда, аз кормандони техникии тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, ВМИҶТ, Вазорати молияи ҶТ, ВРИС ҶТ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ва дигар вазоратҳои соҳавӣ ва намояндагони бахши хусусӣ иборат аст.
Ҳамаи таклифҳо барои баррасӣ дар байни аъзоёни Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ (КББ) бо тартиби тасодуфӣ тақсим карда мешаванд. ВМИҶТ тартиби баҳодиҳиро пешбарӣ менамояд, яъне ҳар як таклифи грантӣ аз ҷониби 3(се) нафар аъзои Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ баррасӣ мешавад, ки дар натиҷаи он ҳар як таклифи грантӣ 3 (се) маротиба баҳодиҳӣ карда шуда, ин баҳоҳо ҷамъ карда мешаванд ва баҳои миёна муайян карда мешавад.
Барои дастгирии Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ КББ гурӯҳи мутахассисони соҳавии мустақил ҷиҳати баҳогузорӣ ҷалб карда мешаванд. Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои баҳсӣ ва дахолати шахсони сеюм, аъзоёни Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ (КББ) раванди баррасӣ ва баҳодиҳиро то лаҳзаи охирон махфӣ нигоҳ медоранд.
Ҳангоми баҳодиҳӣ ва интихоби ниҳоии дархостҳои грантӣ меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ истифода бурда мешаванд:
а) *Ҳадаф ва вазифаҳои барномаи таълимӣ*: баҳодиҳи дурусти ҳайати гурӯҳ, ҳадафҳои курсҳои таълимӣ ва фоиданокии онҳоро барои шунавандагон муайян менамояд. Ҳангоми

[1]Дар ҳолати мавҷуд будани талабот барои курси мазкур ҳам аз ҷониби бозори меҳнат ва ҳам аз ҷониби қувваҳои меҳнатӣ, муассисаҳои таълимӣ дар дархости хеш таҳияи курсҳои мазкурро низ ворид карда метавонанд.

баҳодиҳӣ пурра ва аниқ будани асоснокии курсҳои мазкур, маълумот оид ба талабот дар бозори меҳнат ва ниёзи қувваи корӣ барои курси мазкур таҳлил карда мешавад.

б) *Тахассуси дархостдиҳанда ва иқтидори ӯ барои гузаронидани омӯзиш*: Арзёбии мавҷудияти тахассуси мутобиқ, таҷрибаи кофӣ дар соҳа гузаронидани курсҳои таълимӣ, ҳамчунин иқтидори татбиқи барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин таҷҳизоти зарурӣ ва инфраструктура барои гузаронидани дарсҳоро муайян менамояд.

в) *Нақшаи таълимӣ ва усулҳои дарсдиҳӣ:* арзёбӣ мутобиқи нақшаи таълимӣ, усулҳои дарсдиҳӣ ва мақсаднокии омӯзиши шунавандагонро ба стандартҳо ва талаботи тахассусии шунавандагонро муайян менамояд.

г) *Тахассуси омӯзгорон*: арзёбӣ тахассуси омӯзгоронро барои дарсдиҳии курсҳои номбурда, яъне мавҷудияти маълумоти мутобиқ ва мавҷудияти таҷрибаи кофии онҳоро муайян менамояд.

д) *Буҷет ва хароҷот*: арзёбӣ дар таклифи грантӣ мавҷудияти нақшаи буҷетии асосӣ ва аникро барои молҳо, захираҳои моддӣ, дастгирии техникии ҳайати таълимӣ, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ ва хароҷоти ояндаи амалиётиро муайян менамояд. Ҳамчунин баррасӣ мешавад, ки: ҳисоби хароҷот пай дар пай, муайян, аниқ ва шаффоф ҳастанд ё не; дар таклифи мазкур хароҷоти сметавӣ барои ҳар як шунаванда ва маблағи пардохт аз ҷониби шунавандагон ҳисоб карда шудааст ё не?.

е) *Ҳамкори бо иттиҳодияҳои корфармоён*: арзёбӣ муайян менамояд, ки: муассисаи таълимӣ намояндаҳои бизнес/ бахши хусусӣ/соҳаҳои истеҳсолотро барои муайяннамоии талаботи нави бозори меҳнат ҷалб менамояд ё не; дар якҷоягӣ бо онҳо барномаҳои омӯзиширо вобаста ба ин талабот пешниҳод менамояд ва ё не.

ж) *Арзёбии иштирокчиён*: арзёбӣ муайян менамояд, ки муассисаи таълимӣ нақшаи мониторинги шунавандагон ва натиҷаи курсҳои омӯзишии хешро дорад ва ё не.

з) **Формулаи ҳисоби холҳо.** Ҳангоми интихоби таклифҳо барои пешниҳоди холҳо вобаста ба ҳар як меъёр формулаи ҳисоби зерини холҳо истифода бурда мешавад:

(а) Аъло — 4 хол;
(б) Хуб — 3 хол;
(в) Миёна — 2 хол;
(г) Аз миёна паст — 1 хол
(д) Бад — 0 хол.

Принсипҳои пешниҳоди холҳо вобаста ба ҳар як меъёр чунин аст:

- *4 хол (аъло),* агар дар меъёри арзёбӣ тавофут ва камбудӣ мавҷуд набошад. Баёни фикр аниқ ва пай дар пай бошад. Татбиқ амалишаванда аст.
- *3 хол (хуб),* агар дар меъёри арзёбӣ тавофути камарзиш ва камбудӣ мавҷуд бошад. Баёни фикр аниқ ва пай дар пай бошад. Татбиқ амалишаванда аст.
- *2 хол (миёна),* агар дар меъёри арзёбӣ тавофути камарзиш ва камбудӣ мавҷуд бошад. Дар маълумоти пешниҳодшуда ба баъзе саволҳо посух набошад ва пай дар пайи мавчуд набошад.
- *1 хол (суст),*агар дар меъёри арзёбӣ тавофут ва камбудӣ мавҷуд бошад. Маълумоти пешниҳодшуда аниқ ва пай дар пай набошад. Татбиқ амалишаванда нест.
- *0 хол (хеле бад),* агар дар меъёри арзёбӣ тавофути ҷиддӣ ва камбудӣ мавҷуд бошанд. Маълумот нодуруст бошад.Таклиф қобили қабул нест.

Вазн. Барои ҳар меъёр вазни зерин пешбинӣ шудааст:

Меъёр	Вазн
Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълимӣ, асоснокии курсҳо	20%
Тахассус ва иқтидори дархосткунанда оид ба гузаронидани омӯзиш	15%
Нақшаи таълимӣ ва усули таълим	20%
Тахассуси омӯзгорон	15%
Буҷет ва хароҷот	10%
Алоқа бо иттиҳодияҳои корфармоён	15%
Арзёбии шунавандагон	5%
Ҳамагӣ:	**100%**

Намунаи ҳисоби холҳо. Формулаи зерини ҳисоби холҳо истифода мешавад:

CV = P*R/100,

CV — ҳаҷми меъёр;
P — холл.
R — вазни меъёр.

Дар ҷадвали зерин намунаи ҳисоби холи умумии таклиф аз рӯи баҳои се эксперт оварда шудааст, ки 9,2 холро ташкил медиҳад.

Намунаи ҳисоби холҳо барои Таклифи А

	Эксперти 1 (1)	**Эксперти 2 (2)**	**Эксперти 3 (3)**	**Ҳамагӣ (4)=(1)+(2)+(3)**	**Вазн (5)**	**Ҳамагӣ (5)*(4)**
Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълимӣ	4	3	4	11	0,20	2,20
Ихтисос ва иқтидори дархосткунанда барои гузаронидани курсҳо	3	2	1	6	0,15	0,90
Нақшаи таълимӣ ва методи таълимӣ	3	3	3	9	0,20	1,80
Тахассуси омӯзгорон	4	4	4	12	0,15	1,80
Буҷет ва хароҷот	3	2	3	8	0,10	0,80
Алоқа бо ҷомеаи корфармоён	3	3	2	11	0,15	1,65
Арзёбии иштирокчиен	1	0	0	1	0,05	0,05
Холи умумӣ						**9,20**

Миқдори ниҳоии холҳои арзёбии таклифи грантӣ — 28 холро ташкил менамояд. Барои интихоб шудан барои гирифтани грант, лоиҳаи пешниҳодшуда аққалан 17 хол бояд гирад. Таклифҳое, ки миқдори минималии холро нагирифтанд, барои пешниҳоди грантҳо баррасӣ карда намешаванд. Агар якчанд таклифи грантӣ холҳои якхеларо соҳиб шаванд, бартарият ба таклифҳое дода мешавад, ки холҳои зиёдро аз рӯи меъёрҳои вазнашон зиёд соҳиб шудаанд.

Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ таклифҳоро аз рӯи меъёрҳои дар боло овардашуда тибқи тартиби интихоби дар боло овардашуда арзёбӣ менамояд. Ҳангоми қабули қарори пешниҳоди грант Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ, холҳои мондашуда, ҳаҷми воситаҳо барои давраи муайяни грант ва маблағи умумии талабкардаи дархосткунандро ба назар мегирад.
Агар маблағи умумии талабкардаи муассисаи таълимӣ барои давраи муайян аз маблағи воситаҳои пешбинишудаи грантӣ барои давраи мазкур зиёд бошад, барои маблағгузории грантӣ таклифҳое интиҳоб мешаванд, ки соҳиби холи зиёд шудаанд.
Ба муассиаи таълимие, ки таклифаш миқдори ками холҳоро соҳиб шудааст ва аз маблағгузории грантӣ давраи муайян маҳрум шудааст, мактуб бо дарҷи сабабҳои нагузаштани таклифашон ва даъват барои иштирок дар давраи оянда ирсол карда мешавад.
Вобаста аз холҳои баҳодиҳии мутахассисони соҳа, Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ ҳисоботи арзёбӣ (намуна пешниҳод мешавад), руйхати ғолибони конкурсро тартиб дода, ба Комиссияи байниидоравии идоракунанда барои таҳлил, мувофиқа ва имзои таклифи грантӣ равон менамояд.
Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ дар асоси фармони ВМИҶТ ва аз ҳисоби намояндагони асосӣ ва роҳбарикунандаи гурӯҳҳои гуногуни тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, чунин мақомоти давлатӣ ВМИҶТ, Вазорати молияи ҶТ, ВРИСҶТ, ВММШАҶТ ва дигар вазорату идораҳои соҳавӣ, алалхусус идораҳое, ки муассисаҳои таълимии мазкурро роҳбарӣ ва назорат менамоянд, таъсис дода аст.
Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки намояндаҳои бахши хусусӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар идораҳоро, ба мисли ХНДСМ ва МҶТМ даъват намояд.
9.5 Имзои Созишномаи грантӣ байни грантгиранда ва ВМИҶТ. Пас аз гирифтани розигии хаттии КРБ барои имзои Созишномаи грантӣ ВМИҶТ на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз баррасӣ ва интихоб ба муассиаи таълимӣ мактуби огоҳӣ оид ба пешниҳоди грант ва даъват барои имзои Созишномаи грантӣ ирсол менамояд.
Ба муассисаҳои таълимие, ки таклифашон интихоб нашудаст ВМИҶТ огоҳинома бо даъват барои иштирок дар давраи ояндаи грантӣ (бо нишондоди санаи сикли оянда) ва тавсияҳо барои такмили таклифашон ирсол менамояд.
Гирандаи грант бояд қабули грантро ба таври хаттӣ бояд тасдиқ намояд, яъне посух ба мактуби ВМИҶТ, мактуби тасдиккунандаи гирифтани грантро пешниҳод намояд (намунаи мактуби тасдиккунанда дар замимаи 4 оварда шудааст).
Танҳо дар ҳолати аз ҷониби муассисаи таълимӣ қабул гардидани грант байни ВМИҶТ ва ҳамон муассисаи таълимӣ Созишномаи грантӣ ба имзо мерасад (Намунаи Созишномаи грантӣ дар замимаи 5 оварда шудааст).
9.6. Тренинги омӯзишии ҳатмӣ. Барои грантгирандагон аз ҷониби ВМИҶТ тренинги омӯзишии ҳатмӣ мегузаронад. Дар тренинги ҳатмӣ барои харидорӣ намудан, идоракунии молиявӣ, ҳисобот ва саволҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла, шикоят ва меҳнати маҷбурӣ) бояд ҳамаи муассисаҳое, ки бо онҳо Созишномаи грантӣ имзо шудааст, иштирок намоянд. Чунин тренинги махсусро ҳайати ЛТО мегузаронад, ба иштирокчиён маводи нашрӣ бо ҳамаи маълумоти заруриро пешниҳод менамояд.
Иштироки шахси мутассадии имзокунандаи Созишномаи грантӣ ва шахси масъул барои амалигардонии чорабиниҳои грантӣ шарти ҳатмӣ мебошад. Муассисаҳои таълимии интихобшуда, ки дар тренинги номбурда иштирок наменамоянд аз руйхати давраи грантӣ ихтисор карда мешаванд ва созишномаи грантӣ бо онҳо қатъ карда мешавад. Муассиаҳои номбурда метавонанд дар даврaҳои ояндаи грантӣ иштирок намоянд.
9.7. Маблаҳгузорӣ дар чорчӯбаи грантҳои хурд аз ҷониби ВМИҶТ амалӣ гардонида мешавад. Грантҳо ба муассисаҳои таълимӣ дар 3 (се) давра пардохт карда мешавад, давраи якум — 20%, давраи дуюм — 60% ва давраи сеюм — 20%.
Маблаҳгузории давраи якуми грант ба миқдори 20% аз миқдори умумии грант пас аз пешниҳоди маълумоти тасдиккунанда оид ба:

(а) ба имзорасии Созишномаи Грантӣ;

(б) иштироки ҳатмии шахсони мутассадии муассиаи таълимӣ, яъне шахси имзокардаи Созишномаи грантӣ, шахси масъул оид ба гузаронидани чорабиниҳои грантӣ ва муҳосиб дар тренинги ҳатмии омӯзишӣ, пешниҳод карда мешавад.

Давраи дуюм ба баробари 60% аз маблаҳи умумии грант пас аз пешниҳоди:

- нақшаи татбиқи омӯзишӣ, ҳамчунин рӣаи корӣ;
- барномаи ниҳоии таълимӣ, ҳамчунин нақшаи дарсҳо;
- руйхати омӯзгорон;
- руйхати ба қайд гирифта шудани иштирокчиёни курсҳо.

Сеюм, яъне охирон пардохт, ки 20%-ро аз маблаҳи умумии грант ташкил медиҳад, пас аз пешниҳоди натиҷаҳои имтиҳони ниҳоии шунавандагони курс амалӣ гардонида мешавад. Ба муассисаи таълимӣ маблаҳи охирон пардохт карда мешавад, ки агар дар имтиҳони ниҳоӣ 75% -и шунавандагон иштирок

намояд. Агар курси таълимӣ аз якчанд давр иборат бошад, ба реҷаи пардохт тағйирот ворид карда мешаванд.
Дар доираи грантҳо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо сабаби иҷро накардани баъзе чорабиниҳо ва харидории молӣ сарфаи воситаҳои пулӣ ба вуҷуд меояд. Бо мақсади истифода намудани ин воситаҳо дар доира зарур аст, ки ба ВМИҶТ машварат карда шавад.
9.8. Масъулият барои идораи молиявӣ (ИМ) ба грантгиранда ва ВМИҶТ вогузор карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки грантгиранда бояд дар бонк суратҳисоби махсус дошта бошад, агар суратҳиосби махсус надошта бошад, бояд онро кушояд.
Грантгиранда бояд ҳамаи даромад ва хароҷотро дар доираи грант алоҳида ба ҳисоб гирад. Ин баҳисобгирӣо бояд аниқ ва пурра бошанд ва ҳамаи ҳуҷҷати асоснокии хароҷотро дар доираи грант дарбар гирад (аз ҷумла, фармоишҳо, ҳисобнома-фактураҳо, расидҳо, асоснокии интихоби таъминкунандагон ва ғ.).
Грантгиранда бояд ҳамаи китоби муҳосибӣ, навиштаҷот, ҳисоботи молиявии лоиҳаи грантӣ, ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳисобиро бояд нигоҳ дорад, масалан, нусхаҳои аслии ҳисобот, ҳисоб-фактураҳо, расидҳо ва ғ. ва дигар навиштаҷотеро, ки ба лоиҳаи грантӣ вобаста аст аз ҷумла, китобҳо, ҳисоботи молиявиро ба муҳлати ду сол пас аз пушидашавии Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» нигоҳ дорад.
Грантгиранда дар ҳолати аз ҷониби ВМИҶТ талаб карда шудани ҳуҷҷатҳо бояд бемамониат ба ВМИҶТ ва ё намояндаи ВМИҶТ ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод намояд. Баҳисобгирии мазкур барои тафтишҳои саривақтӣ ва шаффоф ва ҳамчунин гузаронидани аудит зарур аст.
Раванди пай дар пайи баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ки бо БҶ мувофиқа карда шудааст, то оғози грантҳо таҳия шуда, ба ғолибони озмун – муассисаҳои таълимӣ дар тренинги ҳатмии омузишӣ пешниҳод мешаванд.
9.9. Харидорӣ. Масъулият барои харидорӣ, аз рӯи усули савдоҳои озмунии Байналмилаллӣ (СОБ) ва савдоҳои озмунии миллӣ (СОМ) ва барои харидории хизматрасониҳои ширкатҳо ба зиммаи ВМИҶТ ва харидорӣ бо усули шопинг ва харидории хизматрасониҳои машваратии инфиродиро грантгирандагон бо тартиби муайни аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ муайяншуда амалӣ мегардонанд. Тартиби харидҳо то пешниҳоди якум барои давраи якум таҳия карда мешаванд, барои ғолибони озмун дар тренинги ҳатмии омузишӣ пешниҳод карда мешаванд. Муассисаи таълимӣ бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосноккуниро (ҳисобнома-фактураҳоро) оид ба хароҷот дар давоми ду сол пас аз пушидашавии Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» нигоҳ дорад.
9.10. Мониторинг ва арзёбӣ. Мониторинги чорабиниҳои грантӣ аз ҷониби кураторон амалӣ гардонида мешавад. Кураторон аз ҳисоби мутахассиссони ВМИҶТ ва машваратчиёни техникии Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» ва Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ мебошанд. Мониторинг аз ҷониби кураторон дар муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешаванд, ҳамчунин омӯзиши натиҷаи курсҳои омӯзишӣ, қонеъ будани шунавандагон аз натиҷаҳои курсҳои омӯзишӣ низ аз ҷониби ҳамин кураторон амалӣ гардонида мешавад. Ба кураторҳо воситаи мониторинг, ки аз ҷониби мушовири маҳаллӣ оид ба мониториги Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» таҳия гаштааст, омӯзонида мешавад. Дар баррасии таклифҳо ва воситаҳои арзёбии курсҳо ҳамчунин кӯмак аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ, ки дар имтиҳони ниҳоӣ иштирок менамоянд, пешниҳод карда мешавад. Реҷаи мониторинги натиҷаҳои курсҳо бо реҷаи итмомрасии курсҳо мутобиқ карда мешавад.
9.11. Ҳисоботи грантгирандагон. Грантгирандагон бояд ба ВМИҶТ ҳисоботи марҳилавӣ оид ба рафти татбиқи лоиҳа ва ҳисоботи молиявиро пешниҳод намоянд ва ВМИҶТ -ро оид ба саривақт иҷро нашудани ягон чорабинӣ ва сабабҳои он хабардор намоянд.
Ҳисоботи молиявӣ бояд ҳамаи навиштаҷоти молиявиро, вобаста ба татбиқи грант дарбар гирад, аз ҷумла ҳисоботи молиявиро бо ҳуҷҷати асосноккунӣ, ба мисли нусхаи ҳисобномаҳо, ҳисобнома-фактураҳо, расидҳо, шартномаҳо, тасдиқи пардохтҳо ва ғ.
Тренинги ҳатмии омӯзишӣ аз тартиби тайёр намудани ҳисоботи марҳилавӣ ва вақти пешниҳоди онҳо иборат мебошад. Иҷро накардани беасоси ин талаботи ҳисобот, метавонад асос барои қатъ намудани грант гардад.
Ҳангоми пушидашавии лоиҳаи грантӣ грантгиранда бояд ба ВМИҶТ ҳисоботи ниҳоӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳисобот зарур аст, ки натиҷаи лоиҳа, комёбӣ ва камбудиҳо, агар мавҷуд бошанд ва ҳисоботи пурраи истифодаи воситаҳои молиявӣ дарҷ шуда бошанд. Дар ҳисоботи ниҳоӣ ҳамчунин бояд хулоса ва тавсияҳо низ дарҷ шаванд.
9.12. Бекор кардани грантҳо. ВМИҶТ ҳуқуқ дорад, грантро қатъ намояд, агар грантгиранда:

а) дар тренинги ҳатмии омӯзишӣ, ки пас аз ба имзо расидани Созишномаи грантӣ гузаронида мешавад, иштирок нанамояд;
б) муқаррароти Созишномаи грантиро риоя нанамояд;
в) муқаррароти ДАЛ/ЛТО (ОРП/ПВО) риоя нанамояд;
г) воситаҳои грантро ғайримақсаднок истифода намояд;
д) барои хариди кардааш ҳуҷҷатҳои асосноккуниро пешниҳод нанамояд;
е) ҳисоботи заруриро ба ВМИҶТ бе асос пешниҳод нанамояд;
ж) ҳуҷҷатҳои қалбакиро пешниҳод намояд.

Агар ВМИҶТ муайян намояд, ки грантгиранда шартҳои истифодаи грантро риоя наменамояд ВМИҶТ ҳуқуқ дорад, пас аз огоҳии хаттии грантгиранда, грантро қатъ намояд. Дар ҳолати қатъкунии грант муассисаи таълимӣ бояд ҳамаи маблағҳои гирифтаи грантро баргардонад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи грантӣ. Ҳамагуна тағйирот ва иловаҳо ба Созишномаи грантӣ ҳангоми татбиқи грант бояд байни грантгиранда ва ВМИҶТ мувофиқа карда шаванд.

9.13. Пушидашавии грант. Пас аз қабули ҳисоботи хотимавӣ аз грантгиранда ВМИҶТ раванди пушидашавии грантро оғоз менамояд. Раванди пушидашавӣ ин қабул ва тасдиқи ҳамаи ҳисоботи молиявӣ ва ҳисобот оид ба рафти татбиқ, баргардонии воситаҳои сарфршудаи грант ба ВМИҶТ аз ҷониби муассисаи таълимӣ мебошад. Ҳамаи талаботи грант қувваи амалии хешро то аз ҷониби ВМИҶТ ирсол намудани мактуби огоҳӣ ба муассисаи таълимӣ оид ба пушидашавии грант ва оид ба иҷрои ҳамаи ухдадориҳои грантгиранда нигоҳ медоранд.

Пас аз бомуваффақият ба итмом расидани татбиқи молиявӣ тибқи Созишномаи грантӣ ВМИҶТ ба чунин муассисаи таълимӣ мактуби огоҳӣ ирсол менамояд.

(Намунаи Санади хотимавӣ дар Замимаи 6-и дастури мазкур оварда шудааст).

10. ХАРОҶОТИ ҒАЙРИМАҚСАДНОК

Дар ягон ҳолат истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои грант барои мақсадҳои зерин имконпазир нест:

- Реклама, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар доираи грант иҷозат дода мешавад;
- Чорабиниҳои маданӣ ва маишӣ, аз ҷумла: шабнишиниҳо, барномаҳои маданӣ, ҷашнҳо ва хароҷот вобаста ба онҳо, масалан ҷойгиркунӣ ва зиёфати меҳмонон;
- Пардохти фоиз ва додани қарзҳо.
- Ҷамъ намудани маблағ.
- Маҳсулоти озуқаворӣ, нушокиҳо, нушокиҳои машруботӣ, маҳсулоти тамоку барои омӯзгорон ва иштирокчиени курсҳо.
- Харидории замин ва биноҳо.
- Сохтмон ва таъмири бино ва иншоот.
- Молҳои дар пешниҳоди грантӣ пешбинӣ нашуда
- Кумаки техникие, ки дар пешниҳоди грантӣ дарҷ нашудааст.
- Андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ.
- Ҳамагуна, чорабиниҳои маблағугзоришудаи лоиҳа, ки дар он иштирокчиён ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда мешаванд.

АГАР ВОСИТАҲОИ ГРАНТ БА НУКТАҲОИ НОМБАРШУДА ИСТИФОДА ШАВАНД, ГРАНТГИРАНДА БОЯД ВОСИТАҲОИ ГРАНТРО БАРГАРДОНАД.

11. АУДИТ

Пешбинӣ карда мешавад, ки грантгирандагон пурра бо аудиторон, ки аз ҷониби ВМИҶТ муайян карда мешавад, ҳамкорӣ намоянд, ба аудиторон тамоми навиштаҷот, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотро вобаста ба лоиҳаи грантиашон, ки аз ҷониби аудиторон талаб карда мешавад, аз ҷумла, китобҳои муҳосибӣ, навиштаҷот ва ҳисоботи молиявиро пешниҳод намоянд.

ЗАМИМАИ 1

РЕҶАИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

№№	Сана	Макон	Маълумот оид ба тамос

ЗАМИМАИ 2

ПЕШНИҲОД БАРОИ ГИРИФТАНИ ГРАНТҲОИ ХУРД — ҚИСМИ I

1. Маълумоти умумӣ

Ном ва мақоми ҳуқуқии муассисаи таълимӣ:	
Суроға ва маълумот оид ба тамос бо муассиса:	
Иҷрокунандагони лоиҳа (шахси масъули роҳбарикунанда):	
Хулосаи лоиҳа (то 200 калима):	
Муҳлати татбиқи пешниҳоди грантӣ: аз _____ то _____	Маблағи дархостшуда _____ (сомони)

Хоҳишмандем, нусхаи иҷозатномаи хешро оид ба гузаронидани курс (ҳо)-и таълимии кӯтоҳмуддат замима намоед.

ПЕШНИҲОД БАРОИ ГИРИФТАНИ ГРАНТ — ҚИСМИ II

Махфӣ (дар лифофаи махкам пешниҳод мешавад)

1. **Номгӯи барномаи таълимӣ (барномаҳо), маблағи дархостшуда (бо сомонӣ) ва муҳлати татбиқшавӣ**

(а) Номи барномаи таълимӣ, ки ба шунавандагон пешниҳод мешавад; ва (б) маблағи дархостшударо (дар сомонӣ) дар давраи татбиқ дарҷ намоед.

2. Муҳтавои барномаи таълимӣ (ду саҳифа)

Мақсади курси таълимӣ, шунавандагон, асоснокии курси пешниҳодшуда, ҳамчунин маълумотро оид ба талабот дар бозори меҳнат ва асосноккуниҳоро оид ба ниёзи қувваи корӣ ба курси мазкур ва тасвифи тахассусии хешро дарҷ намоед.

Қайд намоед, ки курси мазкур ба кӣ ва барномаи таълимии пешниҳодшуда чӣ гуна талаботи бозори меҳнат ва талаботи таълимии қувваи кориро таъмин менамояд.

Хоҳиш, ягон ҳуҷҷати тасдиққунандаи хаттии машваратиро бо корфармо ва ё иштирокчиёни потенсиалӣ дохил намоед.

Тавсифи тахассусии муассисаи хеш, камбудӣ, бартарии муассисаи хешро оид ба пешниҳоди малака, дониш ва барномаи таълимии мазкур, тибқи талаботи дастури мазкур дарҷ намоед.

3. Нақшаи таълимии барнома, соатҳои академӣ ва усулҳои таълим.

Нақшаи таълимӣ:
Элементҳои асосии пешниҳоди барномаи таълимиро дарҷ намоед. Қисмҳои асосии нақшаи таълимӣ, фанҳо ва мавзӯъҳоро дарҷ намоед.

Соатҳои академӣ:
Бо якчанд ҷумла, мавзӯъ, фанҳоеро, ки дар барномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дарҷ намоед.
Миқдори соатҳо барои ҳар як мавзӯъ/фан, давомнокии барнома ва миқдори умумии соатҳои академӣ дар доираи барномаи таълимӣ.

Усулҳои таълим:
Усулҳои таълим ва маводи курсро, ки истифода хоҳанд шуд, дарҷ намоед (маводи тақсимшуда, аудио ва видео мавод, ва ғ.).

4. Маводи таълимӣ, таҷҳизот ва захираҳо

Маводи таълимӣ, таҷҳизот ва захираҳоро, ки дар курси таълимӣ барои ба даст овардани мақсади тахассусии пешбинишуда истифода мешаванд, номбар намоед.

Дарҷ намоед, ки кадоме аз онҳо аз ҳисоби воситаҳои грант харидорӣ карда мешаванд ва кадоме аз онҳо аз ҳисоби шумо истифода мешаванд.

5. Инфрасохтори воқеӣ

Инфрасохтори воқеӣ муассисаи Шумо (масалан, миқдори аудиторияҳо, лабораторияҳои мавҷуда ва китобхона ва ғ.-ҳо).

6. Фарогирии тахминӣ

Маълумотро оид ба миқдори шунавандагоне, ки барои иштирок дар барнома пешбинӣ шудаанд, дарҷ намоед. Хоҳиш миқдори занон ва мардонро дарҷ намоед.

7. Тахассуси омӯзгорон

Маълумотнома дар бораи омӯзгоронро бо вазифаҳои мутобиқашон дарҷ намоед. Маълумот ва тахассуси омӯзгоронро дарҷ намоед, ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи маълумот ва тахассуси омӯзгоронро дарҷ намоед.

8. Муносибат бо бахши хусусӣ

Муносибатҳоятонро бо бахши хусусӣ дарҷ намоед.

9. Арзёбии иштирокчиёни курсҳо

Усулҳо ва воситаҳои аниқро, ки барои арзёбии пешравии шунавандагон истифода менамоед дарҷ намоед. (тестҳо, пурсишҳои назоратӣ, тести хотимавӣ, тест барои гирифтани шаҳодатнома ва ғ.)

10. Буҷети пешбинишуда

Дар қисми мазкур харочоти арзёбиро барои ҳар як шунаванда ва маблағи пардохткардаи шунавандагонро дарҷ намоед.

Намуди харочот*	Воҳиди ченак	Миқдор	Нарх барои як воҳид, бо долл.ИМА ва сомони	Хамагӣ, бо долл.ИМА ва сомони	Эзоҳ

Маводи омӯзишӣ *(китобҳо,/маводи омӯзишӣ ва г.)ва* **маводи хароҷотӣ** *(ручка, қаламҳо,қоғаз, бур, рангпуркунии картриҷи принтерҳо, қоғазҳо барои принтер, лентаи қоғазӣ, плакат,ва г.)*	Нависед				
Дигар воситаҳо (тахтаи синфӣ, принтерҳо, ксероксҳо, мебел)	Нависед				
Ҳайати педагогӣ (миқдори омӯзгорон ва мукофоти онҳо)	Нависед				
Кӯмаки техникӣ (масалан,*машваратчии кутоҳмуддат*/омӯзгор-эксперт, эксперт аз соҳаи бахши хусусӣ*)*	Нависед				
Хароҷотҳои иловагии амалиётӣ (оид ба татбиқи пешниҳод)	Нависед				
Ҳамагӣ:					

* Харидории молҳо ва маводи хароҷотӣ, интихоби кӯмаки техникии тахассусӣ ва хизматрасониҳо тибқи тартиб ва шартҳои дастури мазкур, шартҳои Созишномаи молиявӣ (СМ) бояд амалӣ гардад.

Номи намояндаи муассисаи таълимӣ:	
Имзо:	Сана: _____ 201_____

ЗАМИМАИ 3

МАЪЛУМОТИ ТАМОСИИ ШАХСОНИ МУТАССАДИИ ВАЗОРАТИ ИЛМ ВА МАОРИФ

№	Ному насаби шахси вазифадор	Вазифаи ишғолкарда	Маълумот оид ба тамос
1			
2			

ЗАМИМАИ 4

НАМУНАИ МАКТУБ БАРОИ ГИРИФТАНИ ГРАНТ

(НОМИ МУАССИАИ ТАЪЛИМӢ)
(СУРОҒА)
(РАҚАМИ ТЕЛЕФОН)
(СУРОҒАИ ЭЛЕКТРОНӢ)
САНА
(Ф.И.О.)
(НОМИ ВАЗИФАИ ИШҒОЛКАРДА)
(СУРОҒАИ ВМИҶТ)
МУХТАРАМ (НОМ ВА НАСАБИ КАБУЛКУНАНДА)
БО МАКТУБИ МАЗКУР ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ, КИ ГРАНТРО ГИРИФТАМ АЗ [_____ АЗ КӢ _____] БА МИҚДОРИ [_____ МИКДОРАШРО НАВИСЕД_____].

БА МАКТУБИ МАЗКУР РУЙХАТИ НАМОЯНДАГОНИ МУАССИСАИ МО, КИ ДАР ТРЕНИНГИ ДУРУЗАИ ОМӮЗИШИИ ҲАТМИ ИШТИРОК МЕНАМОЯНД, ЗАМИМА МЕШАВАД.
АГАР ГУЗАРОНИДАНИ БАРРАСИИ ИЛОВАГӢ ЗАРУР ГАРДАД, МЕТАВОНЕД БО МО БО ТЕЛ. _____ ДАР ТАМОС БОШЕД ВА Ё МАКТУБИ ЭЛЕКТРОНӢ БА СУРОГАИ XXXXX @YYYY.COM ИРСОЛ НАМОЕД ВА МО ДАР МУХЛАТИ КӮТОҲТАРИН БО ШУМО ДАР ТАМОС МЕШАВЕМ.
МО ИНТИЗОРЕМ, КИ ШУМОЁНРО БО ҲИСОБОТИ МУСБӢ ОИД БА ТАТБИҚИ ЛОИҲА ХУШХОЛ НАМОЕМ.
БО ЭХТИРОМ,

ЗАМИМАИ 5

НАМУНАИ СОЗИШНОМАИ ГРАНТӢ БАЙНИ ВАЗОРАТИ МОАРИФ ВА ИЛМ ВА ГРАНТГИРАНДА_____

Созишномаи грантии мазкур (дар оянда ГХ) «_____»_____ соли 2017 ба имзо расидааст байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар оянда ВМИҶТ) (дар оянда «Грантдиханда»), суроғаи фаъолияти асоси (суроғаро нависед),*дар шахси (вазифаи шахси масъули ВМИҶТ ва ному насаби ӯ, ки Созишномаи мазкурро имзо менамояд)* ва ё шахси мутасаддӣ *(ному насаб)* ва муассисаи таълимии _____ (номи муассисаи таълимӣ*)* дар шахсияти *(вазифаи шахси масъули муассисаи таълимӣ, ки Созишномаро имзо менамояд, (ному насаб),* (дар оянда «Грантгиранда»).

Бо назардошти он, ки

(а) Грантдиҳанда ба грантгиранда барои гузаронидани курсҳои таълимӣ бо мақсад ва ба даст овардани натиҷаҳои зерин муроҷиат намуд,
[ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинишударо тибқи пешниҳоди грантӣ ва натиҷаҳои ниҳоии ба нақша гирифташударо дарҷ намоед];

(б) Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳо, грантгиранда розӣ шуд, ки чорабиниҳои (дар оянда «Вазифаҳо») зеринро, ки аз ҳисоби грантҳо маблағгузорӣ карда мешавад, амалӣ гардонанд:
[чорабиниҳои асосиро номбар намоед]

(в) Грантгиранда розӣ шуд, ки вазифаҳоро тибқи муқаррарот ва шартҳои грант иҷро намояд;

(г) Грантгиранда аз Ассосиатсияи Байналмилалии Рушд (дар оянда «Бонки ҷаҳонӣ») маблағгузориро барои иҷрои вазифаҳо гирифт ва қисми воситаҳои маблағгузории мазкурро барои пардохти маблағгузориҳо, тибқи муқаррароти грант равона менамояд, яъне пардох танҳо бо хоҳиши грантдиҳанда ва бо мувофиқа бо Бонки ҷаҳонӣ амалӣ мегардонад ҳамаи пардохт аз ҳама ҷиҳат таҳти шартҳо ва муқаррароти созишномаи молиявӣ дар доираи Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» Ҷумҳурии Тоҷикистон [рақам ва санаи розигиро дарҷ намоед], ба имзо расидааст [санаро дарҷ намоед] ва кувваи амалӣ пайдо кард [сана], (дар оянда, «ЛТО») ва ягон ҷониби дигар ба ғайр аз грантдиҳанда ҳеҷ гуна ҳуқуқ ба ЛТО надорад.

Дар асоси ҳамин тарафҳо ба хулосаи зерин омаданд:

1. Вазифа

- Грантгиранда вазифаҳои дар банди (б) овардашударо иҷро менамояд.
- Грантгиранда исботро дар бораи пешрафт ва натиҷаҳои вазифаҳои пешбинишуда ва мақсади ниҳоӣ, ки дар бандҳои (а) и (б) оварда шудаанд, пешниҳод менамояд.

2.Шартҳо

Грантгиранда вазифаҳоро дар давраи аз *[санаи оғоз]то[санаи итмом, на зиёда аз…… моҳ]*, ва ё дигар давра, ки аз ҷониби тарафҳо ба таври хаттӣ муайян карда шудааст.

Маблағҳои аз ҷониби грантгиранда дар доираи грантҳои хурд гирифташуда танҳо барои иҷрои вазифаҳои дар банди (б) дарҷшуда, истифода мешаванд.

Грантдиҳанда ягон лоиҳаро бар манфиати грантгиранда, ки нисбати он грантдиҳанда ва ё Бонки ҷаҳонӣ исботи риоя накардани қонун ва муқаррарот оид ба истифодаи маҷбурии меҳнати маҷбурӣ ва кудаконаро гирифтааст, маблағгузорӣ наменамояд.

A. Маблаги ниҳоии интиқолшаванда

Барои иҷрои вазифаҳои банди (а) - (б), грантдиҳанда ба ҳисоби грантгиранда маблағро на зиёда аз *[маблаг ва асъор]*. Ин маблаг аз фаҳмиш ва бо назардошти он ҳисоб карда шудааст, ки дар худ ҳамаи харочоти грантгирандаро барои иҷрои вазифаҳои банди (а) - (б) мепушонад.

B. Реҷаи интиқоли пулӣ

Интиқоли пардохти якум ба маблаги *[маблаг ва асъор]*, ки 20% -и маблаги умумии грантро ташкил менамояд, грантгиранда (а) созишномаи грантиро ба имзо расонидааст, (б) ҳамаи шахсони масъули муассисаи таълимӣ дар тренинги омӯзишии дурӯзаи ҳатмӣ иштирок кардаанд.

Интиқоли пардохти дуюм ба миқдори 60% аз маблаги умумии грант, дар ҳолати пешниҳоди (1) нақшаи татбиқи курси омӯзишӣ, ҷадвали дарсҳо, (2) барномаи таълимии ниҳоӣ, нақшаи дарсҳо (3), рӯйхати тасдиқшудаи ҳайати омӯзгорон, (4) рӯйхати ниҳоии шунавандагони курси омӯзишӣ, имконпазир мегардад.

Интиқоли пардохти сеюм, пардохти охирон ба миқдори 20% аз маблаги умумии грант пас аз гузаштани имтиҳони хотимавии шунавандагон имконпазир мешавад.

C. Пардохт

Пардохт ба суратҳисоби бонкии грантгиранда интиқол карда мешаванд *[номи бонк, сурога, ва рақами суратҳисоб]*.

Грантгиранда нусхаи ҳамаи ҳуччатҳои пешниҳодшударо ба сифати тасдиқи пардохт мегирад.

3.Маъмурият

А. Ҳамоҳангсоз

Грантдиҳанда Ҳамоҳангсози барномаҳои грантиро дар назди раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ ВМИҶТ, ки дар суроғаи *[сурога]* ҷойгир аст, ба сифати Ҳамоҳангсози грантдиҳанда таъин мекунад.

Ҳамоҳангсоз барои ҳамоҳангсозии чорабиниҳо дар доираи Созишномаи грантӣ, қабул ва мувофиқаи ҳисобот ва дигар натиҷаҳо аз грантгиранда ва ҳамчунин барои гирифтан ва тасдиқи ҳисобот барои пардохт то иҷро шудани равандҳо, тибқи Дастури амалии намудани грантҳои хурд масъул мебошад.

В. Ҳисобот

Грантгиранда ба Ҳамоҳангсози грантдиҳанда дар *[муҳлат……., ҳармоҳа, семоҳа]* ҳисоботи ҷузъӣ ва молиявиро дар бораи рафти татбиқи вазифаҳо ва ба даст овардани ҳадафҳо, ки дар пешниҳоди грантии грантгиранда пешбинӣ шудаанд, пешниҳод менамояд.

4.Сифати иҷрои вазифаҳо

Грантгиранда ухдадор мешавад, вазифаҳоро аз таҳти дил, дар сатҳи баланди тахассуси ва этикӣ иҷро намояд. Дар ҳолате, ки кори иҷрошуда ва ё натиҷаҳои ба даст омадаи грантгиранда, аз ҷониби грантдиҳанда «ғайриқаноатбахш» ҳисобида шаванд, грантдиҳанда ба таври хаттӣ грантгирандаро бо мушкилии ба миён омада огоҳ менамояд.

Ба грантгиранда 30 (сиҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи огоҳ барои ислоҳ ва ё ҳалли мушкилӣ дода мешавад. Ба грантдиҳанда аз вақти қабули ҳамагуна ҳуҷҷат ва ё ҳисоботи грантгиранда вақти кифоя барои омӯзиш, таҳлил, таҳияи тавсия, гузаронидани тафтиш, ислоҳҳо ва барои қабули ҳисобот ва ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда мешавад.

5.Муносибати мутақобила байни тарафҳои Созишнома

Ягон муқаррароти Созишномаи мазкур байни тарафҳо ва намояндагони онҳо «муносибати корфармо ва корманд»-ро муайян наменамояд. Яъне, мақоми ҳуқуқии грантгиранда ва ё шахси дигар, ки хизматрасониҳоро дар доираи грантҳои мазкур пешниход менамояд, коричрочии мустақил мемонад.

6. Махфият

Грантгиранда набояд дар давоми амалии Созишномаи мазкур ва пас аз ду соли ба итмом расидани ин Созишнома, ягон маълумотро вобаста ба вазифаҳои Созишномаи грантӣ ва ё фаъолият, амалиёти грантдиҳанда, бе иҷозати хаттии грантдиҳанда ошкор намояд.

7. Муайянкунии соҳибият ва истифодаи арзишҳои моддию молӣ

Ҳамаи арзишҳои моддию -молӣ, ҳамчунин мебел, таҷҳизот, ки аз ҷониби грантгиранда, дар доираи Созишномаи грантӣ харидорӣ карда шудааст, ба грантгиранда тааллуқ дорад ва дар натиҷаи иҷрои бомуваффақият ва саривақтии пешниҳоди грантӣ дар ихтиёри грантгиранда мемонад. *[сана]*.

8. Нақзи ҳуқуқҳо

Грантгиранда наметавонад ҳуқуқҳои хеш ва қисме аз ҳуқуқҳои хешро дар давраи Созишномаи грантии мазкур бе розигии хаттии грантдиҳанда ба шахси сеюм супорад.

9. **Қонунгузорие, ки Созишномаи мазкур ва забони созишномаи мазкурро танзим менамояд.**

Созишномаи мазкур аз ҷониби қонунгузории ҶТ танзим карда мешавад ва забони Созишномаи грантии мазкур _____ *[нависед]*мебошад.

10. Бархурди манфиатҳо

Грантгиранда:

(а) Розӣ мешавад, ки дар давоми амалии Созишномаи мазкур дигар созишномаи грантиро ба имзо намерасонад, агар муқаррароти он Созишнома хизматрасониеро пешбинӣ намояд, ки бо вазифаҳои грантгиранда дар доираи Созишномаи мазкур бархурд ёбанд.

(б) Маълум менамояд ва кафолат медиҳад, ки бо кормандони грантдиҳанда, баҳрагирандагон ва ё дигар грантгирандаҳои гранти Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ», ки мустақим ё ғайримустақим барои иҷрои ҳамагуна бахши татбиқи грант ҷалб шудаанд, муносибати тиҷоратӣ ё хешу таборӣ надорад.

11.Қаллобӣ ва коррупсия

Бонки ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки грантгиранда (ҳамчунин шахсони мутассадии он, кормандон ва агентон), сиёсати Бонки ҷаҳониро ҳангоми харидорӣ кардани молҳо ва корҳо, ҳамчунин ҳангоми интихоб ва бастани шартномаҳо бо грантгирандагон, ки аз ҳисоби грантдиҳанда маблағгузорӣ карда мешаванд, пеш барад.

Аз ҷумла, Бонки ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки грантгиранда (ҳамчунин шахсони мутассадии он, кормандон ва агентон), ки дар харидории тендерӣ иштирок менамоянд ва дар лоиҳаҳое иштирок менамоянд, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад, меъёрҳои баланди ахлоқиро риоя намуда, ба Бонки ҷаҳонӣ оид ба амалҳои фиребкунӣ ва коррупсионӣ, ки дар рафти интихоб, гуфтушунид ва иҷрои Созишномаи мазкур зуҳур ёфтанд ва ё маълум буданд, хабар диҳанд. Амалҳои фиребкунӣ ва коррупсионӣ манъ мебошанд. Бонки ҷаҳонӣ дар ҳолати муайян гардидани ҳолати коррупсионӣ ва ё гирифтани арзу шикоят чораҳои зарурӣ тибқи тартиби маъмурии раванди Бонки ҷаҳонӣ меандешад.

Бонк талаб менамояд, ки ҳамаи грантгирандагон, аз ҷумла, баҳрагирандагон, муассисаҳои иҷрокунанда, муассисаҳои пудратӣ, ҳамчунин ширкатҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар харидории тендерӣ, чорабиниҳое иштирок менамоянд, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳамчунин дархосткунандагон, иштирокчиёни тендерҳо, таҳвилгарони мол, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиҳо, машваратчиҳо, (ҳамчунин шахсони мутассадии он, кормандон ва агентон новобаста аз мақоми ширкат), меъёрҳои баланди ахлоқиро риоя намуда, оид ба амалҳои ғайриқонунӣ, таҷрибаи манъкардашуда, ки маълум буданд ё дар рафти интихоб, гуфтушунид ва иҷрои Созишномаи мазкур зуҳур ёфтанд ба Бонки ҷаҳонӣ хабар диҳанд.

Таҷрибаи манъкардашуда ин фаъолиятҳои зерин мебошанд: (1) схемаҳои коррупсионӣ, (2) қаллобӣ, (3) маҷбуркунӣ, (4) маслиҳат (5) эҷоди монеа. Бонки ҷаҳонӣ таҳияи механизми пешниҳоди маълумотро оид ба тахмин ва амалӣ гардидани таҷрибаи манъкардашуда, таҳия кардааст.

Ҳамагуна тахмин бояд ба шуъбаи институсионалии тозакории Бонки ҷаҳонӣ барои гузаронидани тафтишоти амиқ равона карда шавад. Дар Бонки ҷаҳонӣ ҳамчунин Тартиби истифодаи далеле барои баровардани қарор нисбати ҳар як ҳолати алоҳида амал менамояд.

Бонк ҳамчунин бо дигар Институтҳои Молиявии Байналмилалӣ (ИМБ) барои эътирофи мутақобилаи таҳримҳо нисбати сохторҳои мазкур созишнома мебандад.

(а) Бо мақсади ба даст овардани мукаррароти мазкур, Бонки ҷаҳонӣ ба истилоҳҳои зеринро маънидод менамояд:

(1) *«Коррупсия»,* пешниҳоди мустақим ва ё ғайримустақим, гирифтан ва ё талаб кардани ягон чизи арзишдор, бо мақсади таъсир ба қарори тарафи дигар;

(2) *«Қаллобӣ»,* дилхоҳ амал ва ё аз назар соқит, ҳамчунин пешниҳоди маълумоти нодуруст, ки мақсаднок ва ё тасодуфан тарафи муқобилро ба гумроҳӣ мебарад, бо мақсади гирифтани фоидаи молиявӣ ва ё гурехтан аз ҷавобгарӣ;

(3)«Маҷбуркунӣ», расонидани зарари мустақим ва ё ғайримустақим ба ягон тараф бо мақсади таъсир расонидан ба қарори тарафи дигар;

(4) *«Маслиҳати пешакӣ»,* маслиҳат байни ду ва ё аз он зиёда тарафҳо, бо мақсади ба даст наовардани ҳадафҳои пешбинишуда, бо мақсади таъсир ба қарори тарафи дигар;

(5) *«Эҷоди монеаҳо»,* яъне,

- нобудкунии мақсаднок, сохтакории ҳуҷҷатҳо, руст кардани далелҳои тасдиққунанда дар рафти тафтишот ва ё пешниҳоди маълумоти дуруғ бо мақсади суст кардани рафти тафтишот.

-аз тарафи гурӯҳи муфаттишон аз рӯи арзҳо, тахмини мавҷудияти ҳолатҳои коррупсионӣ, қаллобӣ, маҷбуркунӣ ва таҳдид нисбати ягон бо мақсади нигоҳдории махфияти ҳуҷҷатҳои тафтишот.

- амалҳое, ки барои гузаронидани тафтишот халал мерасонанд, ба кор ва ҳуқуқҳои аудитии Бонкро маҳдуд менамоянд, тибқи банди 1.7.1. (е)-и Дастури грантгиранда.

(б) Агар тибқи тартиби истифодаи муҷозоти Бонки ҷаҳонӣ муайян шуда бошад, ки дар ҳамагуна зинаи харид ва татбиқӣ шартҳои шартнома, дилхоҳ ширкат, шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳар як ширкат, шахси ҳуқуқи ё воқеӣ, ки дар хариди тендерӣ ва чорабиниҳое, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷумла, дархосткунандагон, иштирокчиёни тендер, таҳвилгарон, пудратчиён, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиён, машваратчиён, таъминкунандагони мол, кор ва хизматрасонӣ, грантгирандагон, (ҳамчунин баҳрагирандагон), муассисаҳои иҷрокунандагон, ташкилотҳои пудратӣ, ташкилотҳои пудратӣ (ҳамчунин шахсони мутассадии онҳо, кормандон, агентон, новобаста аз мақоми онҳо) дар ҳамагуна зинаи иҷро ба таҷрибаи манъкардашуда ҷалб карда шуда бошад, тибқи банди 1.7.

(с) Бонки ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки ҳамаи дархосткунандагон, иштирокчиёни тендер, таъминкунандагони мол, кор ва агентҳои онҳо, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиён бояд Бонкро барои тафтиши инспектории муҳосибот ва ё қисми он, журналҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки бо тендер ва иҷрои дигар шартномаҳо вобастагӣ доранд, иҷозат диҳад. Ҳамчунин, барои гузаронидани тафтиши аудиторӣ ба аудиторҳо, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ муайян шудааст, иҷозат диҳад. Дархосткунандагон, иштирокчиёни тендер, таъминкунандагон ва агентҳои онҳо, пудратчиён, машваратчиён, пудратчиён, машваратчиён, таҳвилкунандагон, хизматрасониҳо бояд ба пуррагӣ ба Бонк барои гузаронидани тафтишот мусоидат намоянд. Бонки ҷаҳонӣ ҳамчунин талаб менамояд, ки ҳамаи дархосткунандагон,

иштирокчиёни тендерҳо, таъминкунандагон ва агентони онҳо, пудратчиён, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиҳо, машваратчиён, таъминкунандагони хизматрасониҳо: (1) ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва китобҳоро вобаста ба чорабиниҳое, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешаванд таи 7 (ҳафт) сол пас аз ба анҷомрасии ҳамаи корҳо, тибқи шартномаҳо нигоҳ доранд; (2) ҳамагуна ҳуҷҷати заруриро барои тафтишоти тахминҳо оид ба мавҷуд будани қонунвайронкуниҳои таҷрибаи манъкардашуда пешниҳод намояд, ба кормандон ва агентҳои дархосткунандагон, иштирокчиёни тендерҳо, таъминкунандагон, агентҳои онҳо, пудратчиен, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиён, пудратчиён, машваратчиён, таъминкунандагони хизматарасонӣ, ки маълумот дар бораи чорабиниҳое, ки Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ менамояд, иҷозат диҳад, ки ба саволҳои кормандони Бонки ҷаҳонӣ ва ё дигар санҷишгарони муайяншуда, агентҳо, аудиторҳо, машваратчиён посух диҳанд. Агар дархосткунанда, иштирокчии тендер, таъминкунандагон, агентҳои онҳо, пудратчиҳо, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиҳо, машваратчиҳо ва таъминкунандагони хизматрасонӣ бо Бонки ҷаҳонӣ ҳамкорӣ накунанд, баръакс агар ба Бонки ҷаҳонӣ монеа эҷод намоянд, Бонки ҷаҳонӣ қарори мутобиқ нисбати дархосткунанда, иштирокчиёни тендерҳо, таъминкунандагон, агентҳои онҳо, пудратчиҳо, машваратчиён, кормандони штатӣ, пудратчиҳо, машваратчиён ва таъминкунандагони хизматрасониҳо қабул менамояд.

12.Қатъкунии Созишномаи грантӣ

Бе риояи шартҳои Созишнома дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

(1) Агар грантгиранда ба муқаррароти Созишномаи грантӣ риоя нанамояд;

(2) Агар грантгиранда ба муқаррароти Дастури амалӣ намудани грантҳои хурдро риоя нанамояд;

(3) Агар грантгиранда воситаҳои грантиро ғайримақсаднок истифода барад;

(4) Агар грантгиранда хароҷоташро дар доираи грант бо ҳуҷҷатҳои молиявӣ асоснок нанамояд;

(5) Агар грантгиранда ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намояд.

(6) Ҳангоми ба вучуд омадани шароитҳои рафънопазир (форс мажор), ки ҳангоми онҳо иҷрои уҳдадориҳои тарафҳо имконнопазир аст ва қаблан (15 рӯз пеш) мактуби огоҳӣ ирсол карда шудааст.

Дар ҳолати қатъ кардани Созишномаи грантӣ, ВМИҶТ ба грантгиранда огоҳнома ирсол намуда, талаб менамояд, ки воситаҳои пули ғайримақсаднок истифодашуда, дар давоми 15 рӯзи корӣ аз вақти гирифтани огоҳнома баргардонида шаванд.

13. Тағйиру иловаҳо

Дилхоҳ тағйиру иловаҳо ба Созишномаи грантӣ ҳангоми татбиқи лоиҳа розигии хаттии ҳар ду тарафро талаб менамояд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи грантдиҳанда ва грантдиҳанда ба муқаррарот ва шартҳои Созишномаи грантии мазкур мутобиқат намоянд,аз ҷумла:

(а) Грантгиранда бояд вазифаҳоро мутобиқи муқаррароти Созишномаи грантии мазкур иҷро намояд;

(б) Грантдиҳанда бояд пардохтро мутобиқи муқаррароти Созишномаи грантии мазкур амалӣ гардонад;

Тасдиқи ин тарафҳо имзои худро дар зери Созишномаи грантии мазкур гузоштанд ва Созишномаи грантӣ аз ҳамин сана эътибор пайдо мекунад.

ГРАНТДИҲАНДА	ГРАНТГИРАНДА
Ному насаб _____	Ному насаб_____
Вазифа: _____	Вазифа: _____

Мувофиқи тартиби гирифтани қарори Бонки ҷаҳонӣ «Зид нестам», Созишномаи грантии мазкур метавонад муқарраротеро дар бар гирад, ки тартиб додани шартномаҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

ЗАМИМАИ 6

НАМУНАИ САНАДИ ХОТИМАВӢ

Муовини вазири оид ба масъалаҳои иқтисодии ВМИҶТ, дар асоси рушди воқеӣ ва молиявии татбиқ, ки асоси ҳуҷҷатии аз ҷониби Ҳамоҳангсози барномаҳои грантии Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ» ҶТ пешниҳодшуда ва аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, тасдиқ менамояд, ки пешниҳоди грантӣ *[ном],* ки дар доираи Созишномаи грантӣ № _____, ки байни ВМИҶТ ва_____*[номи баҳрагирандагони грант ва суроға], [санаи имзои* Созишномаи грантӣ*], бомуваффақият ба итмом расид [сана]* ва мақсадҳои дар Созишномаи грантӣ пешбинишуда пурра ба даст оварда шуданд.

Мутобиқан, мувофиқи пешниҳоди грантӣ:

а)[Хадафҳои ба даст омада, натиҷаҳои марҳилавӣ]

1. Ххх
2. Yyy

б) *Баҳрагирандагон [ном ва суроға] гирифтанд _____ [маблағ, асъор]* аз Лоиҳаи «Таҳсилоти олӣ», ки аз он _____ *[маблағ, асъор]* барои хароҷоти мутобиқи мақсаднок, вобаста ба пешниҳоди

грантӣ равона шуда, бо тариқи дуруст аз ҷониби Ҳамоҳангсози барномаҳои грантӣ ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд.

Баҳрагирандагон [ном ва суроғa] бояд нусхаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро, вобаста ба татбиқи воқеӣ ва молиявии пешниҳоди грантии онҳо ба муҳлати 2 (ду) сол аз санаи имзои санади хотимавӣ нигоҳ доранд.

Душанбе, Тоҷикистон «_____» _____201_____

_____